***УДК*** *336*
***DOI*** *10.24412/2411-1945-2022-4-87-93*

# *ТАТБИҚИ КОНСЕПСИЯҲОИ МЕНЕҶМЕНТИ МОЛИЯВӢ ДАР ТАҲКИМИ ИНФРАСОХТОРИ МОЛИЯВИИ ШИРКАТҲОИ ВАТАНӢ*

***Тӯхтаев Тӯхтабой Муқимович****, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *РЕАЛИЗАЦИЯ КОНЦЕПЦИЙ ФИНАНСОВОГО МЕНЕДЖМЕНТА В УКРЕПЛЕНИИ ФИНАНСОВОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ ОТЕЧЕСТВЕННЫХ КОМПАНИЙ*

***Тухтаев Тухтабой Мукимович,*** *канд. экон. наук, зав. кафедрой финансов и кредита ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *IMPLEMENTATION OF FINANCIAL MANAGEMENT CONCEPTIONS IN STRENGTHENING THE FINANCIAL INFRASTRUCTURE OF DOMESTIC COMPANIES*

***Tuhtayev, Tuhtaboy Mukimovich****, candidate of the sciences of economics, Associate Professor, chief of the department of finances and credit under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)****E-MAIL:*** *ttukhtaev@mail.ru*

*Аҳаммияти менеҷменти молиявӣ дар такомули идоракунии селаҳои пули корхонаҳои ватанӣ бо назардошти Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва меъёрҳои консептуалии мактабҳои пешқадами ҷаҳонии менеҷменти молиявӣ баррасӣ шудааст. Муайян карда шудааст, ки менеҷменти молиявӣ, чун воситаи пурсамари идоракунии селаҳои пул, дар таҳкими инфрасохтори молиявии ширкатҳои ватанӣ мақоми волоро ишғол мекунад. Дастовардҳои менеҷменти молиявии ватанӣ ва асосҳои консептуалии мактабҳои ҷаҳонии менеҷменти молиявӣ муқоиса карда шудааст. барои истифодаи минбаъдаи дастовардҳои менеҷменти молиявии русӣ, амрикоӣ ва аврупоӣ дар амалияи корхонаҳои ватанӣ чораҳои мутобиқсозӣ пешбинӣ шудаанд. Зарурати татбиқи консепсияҳои асосии менеҷменти молиявии муосир дар сохторҳои ватании тиҷоративу соҳибкорӣ, барои такомули минбаъдаи вазифаҳои инфрасохтори молиявии онҳо асоснок карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *менеҷменти молиявӣ, инфрасохтори молиявӣ, селаи пул, механизми молиявии ширкат, стратегия ва тактикаи фаъолият, муҳити таваррум, фишанги молиявӣ, фоида, сиёсати дивидендӣ, афзудани арзиши ширкат*

*Рассмотрено значение финансового менеджмента в совершенствовании управления денежными потоками отечественных предприятий с учетом Международных стандартов финансовой отчетности и концептуальных норм ведущих мировых школ финансового менеджмента. Определено, что финансовый менеджмент как эффективный инструмент управления денежными потоками занимает лидирующую позицию в укреплении финансовой инфраструктуры отечественных фирм. Предпринята попытка сравнения достижений отечественного финансового менеджмента с концептуальными основами мировых школ финансового менеджмента. Так, предусмотрены адаптивные меры для дальнейшего использования достижений финансового менеджмента российской, американской и европейской школ в практике отечественных предприятий. Обоснована необходимость реализации основных*

*концепций современного финансового менеджмента в отечественных коммерческих и предпринимательских структурах для дальнейшего совершенствования функций их финансовой инфраструктуры.*

***Ключевые слова:*** *финансовый менеджмент, финансовая инфраструктура, денежные потоки, финансовый механизм фирмы, стратегия и тактика деятельности, инфляционная среда, финансовый рычаг, прибыль, дивидендная политика, повышение стоимости компании*

*The article considers the importance of financial management in improving cash flow management of domestic enterprises, taking into account the International Financial Reporting Standards and the conceptual norms of the world's leading schools of financial management. It was determined that financial management as an effective tool for cash flow management takes a leading position in strengthening the financial infrastructure of domestic firms. An attempt has been made to compare the achievements of domestic financial management with the conceptual frameworks of the world schools of financial management. Thus, the article provides adaptive measures for further use of achievements of financial management of Russian, American and European schools in the practice of domestic enterprises. The necessity of implementing the main concepts of modern financial management in domestic commercial and entrepreneurial structures for further improvement of the functions of the financial infrastructure of the latter is substantiated.*

***Key words:*** *financial management, financial infrastructure, cash flows, financial mechanism of a firm, strategy and tactics of activity, inflationary environment, financial leverage, profit, dividend policy, increasing the value of the company*

Фазои даврони истиқлоли давлатӣ ва фаъолият дар муҳити бозор тақозо менамояд, ки фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан, раванди сармоягузорӣ, фаъолият дар бозори молиявӣ, идораи низоми молиявии ширкату корхонаҳои гуногун, бонкҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои гуногуни қарзиву амонатӣ ва худи давлат бо назардошти қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ амалӣ гардонида шаванд.

Лозим меояд, ки таҷрибаи пешқадам, ҳатто, дар баъзе ҳолатҳо, таҷрибаи аҷдодӣ оиди ин ё он паҳлӯи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ омӯхта, самтҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти амалии ширкатҳои тиҷоратӣ таҳия карда шаванд. Дар шароити баромадан ба бозори ҷаҳонӣ, кушод будани иқтисодиёти миллӣ, таъсири омилҳои дохиливу берунаи иқтисодӣ, рақобати байналхалқӣ ва тақсимоти байналмилалии меҳнат зарур аст, ки кулли ҷанбаҳои фаъолияти молиявии ширкат бо истифода аз усулу васоити таҳлил ва қабули қарорҳои идорасозии ширкат бо такя ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ идора карда шаванд. Илова бар он, моро зарур аст, ки имрӯз тафаккури молиявии навро дар шуури соҳибкори ватанӣ ҷойгир карда бошем. Зеро, мутаассифона, на дар мактаби миёна ва на дар макотиби олии имрӯза, бо вуҷуди мавҷудияти фанҳои ба ном ба саводи молиявӣ бахшидашуда дар нақшаҳои таълим, на ҳама вақт мутаххассиси хатмкунанда саводи комили молиявӣ ҳосил мекунад. Аз ҷумла, дар барномаи фанни асосҳои иқтисодиёт дар мактабҳои миёнаи имрӯза танҳо принсипҳои расмии фаъолияти иқтисоди бозорӣ ба назар гирифта, асосҳои ташкил ва идоракунии воситаҳои пул аз эътибор дур мондааст. Дар макотиби олӣ, ҳатто барои ихтисосҳои вижае, ки бояд идоракунии селаҳои пулро чун ҷанбаи алоҳидаи касб азхуд кунанд, фанҳои расмие, аз қабили асосҳои молия, молия, молияи корхонаҳо, муомилоти пул ва қарз, суғурта ва ғайра таълим дода мешаванд, ки асосҳои илми муосири менеҷменти молиявиро ба назар нагирифтаанд. Ин сабабҳои худро дорад, ки аввалини онҳо – надоштани тасаввуроти комил оид ба моҳият ва аҳамияти худи пул ҳамчун категорияи

марказии муносибати молиявӣ ва тартиби идорасозии селаи пул дар доираи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ маҳсуб мегардад.

Зарурати татбиқи фарзияҳои маъмули менеҷменти молиявӣ дар таҳқиқоти қаблии мо мухтасаран баррасӣ шуда буданд [3; 4], ки имрӯз мехоҳем ин масъаларо ба таври густарда пешниҳод намоем.

Ба таври умум, бояд қайд намуд, ки шохаи нисбатан нави улуми иқтисод, яъне менеҷменти молиявӣ имрӯз бояд дар қолаби гуфтаҳои боло дар хидмати доираи васеи мутахассисон ва соҳибкорони ватанӣ қарор гирад. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз тарафи олимон ва намояндагони амалияи ватанӣ ба таври васеъ эътироф гаштани менеҷменти молиявӣ, ба нақшаҳои таълими макотиби олии кишвар ворид шудани ин фан, мазмуну мундариҷаи марҳилаи нави ташаккули илми ватаниро оиди идораи молияи корхонаҳо инъикос менамояд. Ин ҷо сухан дар бораи тағйироти куллии илми идораи молияи корхона меравад. Акнун бо истифода аз дастовардҳои менеҷменти молиявии муосир, ки маҳсули таҳқиқоти тӯлонии намояндагони мактабҳои аврупоӣ, амрикоӣ ва русӣ мебошанд,[1] бо назардошти мутобиқсозии ҷузъии онҳо ба саволҳои мубраме, ки аз тарафи низоми бозорӣ дар назди ширкат пайдо мешаванд, ҷавобҳои саҳеҳ додан имкон дорад:

- Мантиқи фаъолияти механизми молиявии ширкатро муҳити бозор чӣ гуна тағйир медиҳад?
- Молияи корхонаро дар асоси ин мантиқи ҷадид чӣ гуна бояд идора намуд? Меъёрҳои бозории қабули қарорҳои молиявӣ акнун чӣ гунаанд?
- Чӣ тавр стратегия ва тактикаи фаъолият, ҷанбаҳои дароз- ва кӯтоҳмӯҳлати ҳаёти корхонаро дар шароити нав бо ҳам мувофиқ намуда, таҳия кунем?
- Ба идораи молияи ширкат муҳити таваррумӣ чӣ маҳдудиятҳоеро (ва чӣ имкониятҳоро низ) пешниҳод менамояд?
- Кадом усулҳои қонунии истифодаи «ҳила»-и молиявӣ барои паст кардани гаронии андози ширкат қобили қабуланд?

Ин ҷо ҳадафи асосиро чунин тарҳрезӣ кардаем, ки бояд ҳатман муқаррароти менеҷменти молиявиро аз сарчашмаҳои мактабҳои Ғарбу Русия ва Амрико бодиққат омӯхта, дар асоси таълимоти онҳо самтҳои татбиқро дар доираи фаъолияти ширкатҳои ватанӣ пешниҳод намоем.

Ҳамин тавр, ба мо муяссар гашт, ки хусусиятҳо ва шартҳои асосии менеҷменти молиявиро дар шароити таварруми баланд тарҳрезӣ намуда, ҳатто рақобати мактабҳои амрикоӣ ва аврупоии менеҷменти молиявиро, ки фарзияҳои гуногуни таъсири фишанги молиявиро таълим медоданд, то андозае ба созиш ва тафоҳум орем. Чунин «сулҳу салоҳ» байни ду таълимоти гуногун дар натиҷаи муайян намудани «қимати ниҳоии нетто-натиҷаи истифодаи инвеститсияҳо» муяссар гашт, ки асоси онро таҳқиқоти гурӯҳи олимони рус бо роҳбарии профессор Стоянова Е.С. ташкил мекунад [1, 138].

Ҳамин тавр, марҳилаи нави ташаккули иқтисоди бозор дар Тоҷикистон, тақозо намуд, ки соҳибкорон низ дар қатори толибилмони макотиби олии кишвар, менеҷменти молиявиро омӯзанд. Ҳадафҳои ширкат бошанд, барои ҳар як субъекти хоҷагидор инфиродӣ буда, хусусиятҳои фарқкунанда дошта метавонанд. Гарчанде дар муҳити хеле мураккаби андозбандии ватанӣ, корхонаҳо манфиатҳои гуногуни танзими ҳаҷм ва динамикаи фоида, афзудани амволи саҳмдорон, назорати қурби саҳмияҳо, сиёсати

[1] Лозим ба таъкид аст, ки ҳарчанд бахшида ба менеҷменти молиявӣ китобҳои дарсии алоҳида чоп шуда бошанд ҳам, дастовардҳои соҳа бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ, ба низом даровarда нашудаанд (Шарҳи муаллиф).

дивиденд, афзудани арзиши корхонаро доранд, ин ва дигар ҷанбаҳои фаъолияти ширкатро бо истифода аз усулҳои умумии менеҷменти молиявӣ идора ва танзим кардан имкон дорад.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, ду лаҳзаи муҳимро тазаккур медиҳем.

Якум, ҳаммаслакони амрикоӣ ва ғарбии мо менеҷменти молиявиро ҳамчун идораи молияи корхона шарҳ медиҳанд, ки ҳадафи асосии он афзудани қурби саҳмияҳои ширкат, фоидаи соф ба як саҳмия, сатҳи дивидендҳо, амволи саҳмдорон, дороиҳои соф ба ҳар як саҳмия ва худи фоида мебошад [2, 28; 5, 42]. Дар шароити фаъолияти соҳибкории ватанӣ бошад, мафҳуми менеҷменти молиявиро каме васеъ ва амиқтар шарҳ додан мувофиқи мақсад аст, зеро менеҷменти молиявӣ маҷмӯи усулҳоро барои ноил гаштан ба он ҳадафҳое фароҳам меоварад, ки ширкат ихтиёран дар назди худ гузоштааст. Муҳиммаш, усулҳое бояд интихоб карда шаванд, ки бо ҳадафҳои гузошташуда мутобиқ буда, ба онҳо зиддият эҷод накунанд. Аз дигар тараф, зарур аст, ки усулҳои мунтахаб бояд моҳирона ва сари вақт истифода бурда шаванд. Бозор аз соҳибкор ҳамеша зиракиву ҳушёриро тақозо менамояд.

Дувум, бар хилофи ақидаи аксари мунаққидон, мо менеҷменти молиявиро маҳз аз лиҳози *меъёрҳои қабули қарорҳои молиявӣ* шарҳ медиҳем. Зеро аксари муаллифон дар китобҳои дарсӣ менеҷменти молиявиро бо худи менеҷмент ва принсипҳои бунёди он шарҳ медиҳанд. Мо бошем, эътироф мекунем, ки принсипҳо ва усулҳои менеҷменти молиявӣ хусусияти умумӣ доранд. Ҳамин тариқ, бо таълимоти мактабҳои ҷаҳонии менеҷменти молиявӣ розӣ мешавем. Ҳамзамон, чунин мавқеъро интихоб мекунем, ки ин шарту усулҳои умумӣ бояд ба шароити ватанӣ мутобиқ гардонида шаванд

Инноватсияи менеҷменти молиявиро азхуд намуда, мантиқи фаъолияти дурусти механизми молиявии корхонаро на танҳо дар сатҳи илм, балки ҳамчун маҳорат касб намуда, молияшиноси замонавӣ метавонад, салоҳиятҳои муҳимми касби хешро мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ амалӣ намуда бошад, аз ҷумла:

***оид ба молиякунонии фаъолияти корхона:***

- сохтори оқилонаи ӯҳдадориҳои (пассивҳо) корхонаро (яъне, таносуби байни воситаҳои қарзӣ ва худӣ) бо назардошти сатҳи мавриди қабули хавфи молиявӣ таҳия намуда, ҳамин тавр, оид ба тағйирдиҳии сохтору ҳаҷми сармояи худӣ ё тағйирдиҳии қарзҳои корхона қарори дахлдорро қабул менамояд;
- сиёсати дивидендро бо назардошти тақсими фоида ба манфиати саҳмдорон, аз як тараф, барои молиякунонии тараққиёти истеҳсолоту афзудани воситаҳои худӣ, аз дигар тараф, таҳия менамояд;
- аз рӯи шакл (қарздории кредиторӣ, ё ки худи қарз, қарзи вомбаргӣ) ва мӯҳлат (кӯтоҳмӯҳлат ё дарозмӯҳлат) сохтори оптималии воситаҳои қарзиро таҳия менамояд;

***оид ба ҷиҳати молиявии истифодаи дороиҳо:***

- самтҳои асосии харҷи воситаҳоро вобаста аз ҳадафҳои стратегӣ ва тактикии корхона муайян менамояд;
- сохтори оптималии дороиҳои корхонаро таҳия менамояд;
- ҳаҷм ва динамикаи натиҷаҳои молиявиро, бо назардошти сатҳи мавриди қабули хавфи соҳибкорӣ, танзим мекунад;

***оид ба амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии менеҷменти молиявӣ:***

- лоиҳаҳои сармоягузории дорои хусусияти хоҷагидориву молиявиро таҳлил намуда, аз байни онҳо беҳтаринашонро интихоб мекунад, мониторинги минбаъдаи татбиқи онҳоро ташкил карда, ҳамин тариқ, сиёсати сармоягузориро ба амал татбиқ менамояд;

***оид ба амалӣ намудани тактикаи менеҷменти молиявӣ:***

- идораи маҷмӯии ҷории дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳои кӯтоҳмӯҳлати корхонаро амалӣ менамояд (воситаҳои пулӣ, қарздории дебиторӣ, захираҳои ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, аз як тараф, қарздории кредиториву қарзҳои кӯтоҳмӯҳлат, аз тарафи дигар);
- қарорҳо оид ба нарх ва дигар қарорҳои маркетингро аз назари таъсири онҳо ба натиҷаҳои молиявии ширкат дарк намуда, шарҳ дода метавонад;

***оид ба ҳамоҳангсозии стратегия ва тактика:***

- дурнамои молиявии тараққиёти ширкат ва марҳилаҳои тактикии таъмини фаъолияти рӯзмарраю пешгирии тамоюли номатлубро муайян намуда, бо пешгӯиву банақшагирии молиявӣ машғул мешавад;

***оид ба назорати молиявии дохилӣ:***

- маълумоти баҳисобгирии бухгалтерӣ ва амалиёту ҳисоботи корхонаро таҳлил намуда, натиҷаашро барои мақсадҳои зерин истифода мебарад: а) барои баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти корхона ва ҳамаи бахшҳои он; б) ҳамчун пойгоҳи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои молиявии корхона.

Дар аксари корхонаҳо муҳосибот ва менеҷменти молиявӣ бо ҳам тавъаманд. Умуман, робитаи байни менеҷменти молиявӣ ва муҳосибот лаҳзаи нозуке мебошад, ки баъзан ҳатто ҷудо кардани вазифаҳои ин ду бахш душвор мегардад. Аммо, дар кадом ҳол бошад, дар интихоби сиёсати муҳосибот, қарори менеҷерони молиявӣ эътибори бештар дорад.

Албатта, ҳамаи ин ва дигар ҷанбаҳои фаъолияти менеҷери молияшинос бояд барои ноил гаштан ба камтарин гаронии андоз, пасткунии хавфи молиявӣ дар сатҳи имконпазир ва ҳимояи манфиатҳои амволи корхона (суғуртакунии беруна, худсуғуртакунӣ) равона карда шаванд [6, 421].

Мактаби миллии менеҷменти молиявӣ дирӯз шакл нагирифтааст. Он раванди ташаккули аҷиброн аз сар гузаронида истодааст. Дар Тоҷикистон иқтисодиёти бозор акнун инкишоф ёфта истода бошад ҳам, аммо сарчашмаҳои қадима ва осори намояндагони классики илми форсу тоҷик аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳанӯз дар аҳди қадим таълимоти ниёгонамон дар бораи илми молиёт, хоҷагидорӣ, тиҷорат ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти иқтисодӣ ташаккул ёфта, онҳо дастовардҳои таҷриба ва амалияи замонашонро инъикос менамуданд. Давраи нави ташаккули иқтисоди бозор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояву ақидаҳои ҷадидро рӯи кор овард. Акнун пайдоиш ва ташаккули чунин ақидаву ғояҳо, маҳсули бевоситаи тезутундшавии рақобати байналмилалӣ ва дохилӣ дар бозорҳои молу ашё ва сармоя, мураккаб гаштани муҳити ҳуқуқи фаъолият ва андозбандӣ, гуногунақидагӣ оиди истифодаи ҳисоботи молиявӣ ҳангоми таҳлил, шарҳи гуногуни ҳисоботи молиявӣ аз тарафи менеҷерони молиявӣ арзёбӣ мегардад.

Дар партави гуфтаҳои боло моро зарур аст, ки муаммоҳои зеринро ҳаллу фасл намоем: ҳанӯз фарогирии масъалаҳои муҳимтарини менеҷменти молиявӣ, бо назардошти мантиқи фаъолияти молиявии корхона таъмин нашудааст; барои омӯзонидани менеҷменти молиявӣ шумораи хеле ками мутахассисоне, ки назария ва амалияро ҳамоҳанг сохта метавонанд, омодаанд ҳангоми истифода аз сарчашмаҳои хориҷӣ (ҳатто русӣ) муаммоҳои ҷиддие, ки бо мутобиқат накардани муқаррароти ин сарчашмаҳо бо хусусиятҳои маҳаллии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон алоқаманданд, ба миён меоянд.

Тоҷикистон чун мамлакате, ки дар равандҳои тақсимоти байнал-милалии меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ мақоми хоса дорад, минбаъд бояд ба арсаи ҷаҳонӣ мутахассисони ба таври бояду шояд тайёршударо дар ҳамаи соҳаҳо пешниҳод карда тавонад, ки касби менеҷери молиявӣ низ аз ҳамин қатор аст.

Вобаста аз ин, дар мактаби менеҷменти молиявии ватанӣ, ки алъон ба миён омада истодааст, хусусиятҳои хос ташаккул дода шаванд, ки аз назари мо бояд чунин талаботро қонеъ намоянд:

- мактаби менеҷменти молиявии ватанӣ бояд хусусиятҳои прагматизми аврупоиро ҳангоми ҳисобу китоби молиявии тартибаш амрикоӣ, ки ҳадафи он паст кардани ҳамаи намудҳои хавфи фаъолияти соҳибкорист, ҳамоҳанг сохта тавонад;
- он бояд ба ғояи ҳамоҳангсозии мутақобилаи мураккаби омилҳои дарозмӯҳлати ҳаёти корхона асос ёфта бошад ва ин омилу зуҳуротро дар ҳамбастагиву вобастагии ногусастанӣ баррасӣ кунад;
- он бояд соҳаҳоеро, ки дар доираи таълимоти мактабҳои Ғарбу Амрико роиҷ нагаштаанд, аз қабили масъалаҳои сиёсати молиявии корхона дар шароити таварруми шадид, хусусиятҳои идораи молияи корхона дар шароити таназзули истеҳсолот, баромадан аз бӯҳрон ва ғайра дар бар гирифта бошад ва имкони идомаи тадқиқотро дар ин қитъаҳои илми менеҷменти молиявӣ фаро бигирад;
- ниҳоят, менеҷменти молиявии ватанӣ, ки дар бобати ташаккулаш ин қадар ҳарф задем, бояд ба муайян намудани хусусияти хоси идораи молияи афроди гуногуни соҳибкорӣ, яъне, бонкҳо, ширкатҳои суғурта, сохторҳои гуногуни сармоягузорӣ нигаронида шуда бошад.

Ҳамин тавр, мактаби илмии менеҷменти молиявии ватаниро низ роҳи хеле пур аз талошҳову баҳсҳои илмӣ дар пеш аст. Ин айнан бо он роҳе, ки Тоҷикистон дарислоҳоти паиҳами иқтисодиву молиявӣ то имрӯз тай намудааст ва тай хоҳад кард, мутобиқ мебошад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Финансовый менеджмент: теория и практика / под ред. академика Академии менеджмента и рынка Е.С. Стояновой. 5-е издание. – Москва: Перспектива, 2010. – 656 с.*
2. *Тӯхтаев Т.М. Менеҷменти молиявӣ: назария ва амалия. Китоби дарсӣ / Т.М. Тӯхтаев. – Хуҷанд: Парки технологии ДДҲБСТ, 2018. - 437 с.*
3. *Тӯхтаев Т.М. Аҳамияти менеҷменти молиявии муосир дар таҳкими шуури идорасозии мутахассисони соҳаи молия ва қарз / Т.М. Тӯхтаев // Маводи конференсияи илмию амалии олимон, муҳаққиқони ҷавон, магистрантон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ таҳти унвони “Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ – муаррифгари фарҳанги миллӣ”.– Хуҷанд: Меъроҷ, 2018. – С. 280.*
4. *Тӯхтаев Т.М. Зарурати татбиқи консепсияҳои асосии менеҷменти молиявӣ дар сохторҳои соҳибкории ватанӣ / Тӯхтаев Т.М. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони “Механизми татбиқи сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити индустриаликунонии мамлакат: воқеият ва дурнамо” – Душанбе: Ашуриён, 2021. – С. 265-272.*
5. *J.C. Van Horn, J.M. Wachowicz. Jr. Fundamentals of financial management, Thirteenth edition. Pearson Education Limited 2009. – 744 p.*
6. *Eugene F.Brigham, Joel F.Houston. Fundamentals of financial management, Concise sixth edition. ExamView Corp. 2009. – 627p.*


## *Reference Literature:*


1. *Financial Management: Theory and Practice// under the editorship of academician of the Management and Market Academy Ye.S.Stoyanova. The fifth edition. – Moscow: Perspective. 2016.- 656pp.*

2. *Tuhtaev T.M. Financial Management. Theory and Practice. Educational text-book// T.M.Tuhtaev. – Khujand: Technology Park of TSU LBP. 2018. – 437pp.*
3. *Tuhtaev T.M. The Importance of Modern Financial Management in Strengthenung the Consciousness Associated with Guiding Financial Branch Specialists// T.M.Tuhtaev. Materials of scientifico-practical conference of scientists, young scholar, possessors of Master's Degree and students of the Tajik State University of Law, Business and Politics under the thematic title "Tourism and National Prodecers' Corperatives Represented by National Culture". – Khujand: Ascension. 208. – p.280*
4. *Tuhtaev T.M. The Necessity of Realization of the Basic Conception of Financial Management in the Structure of Home Entrepreneurship// T.M.Tuhtaev. The materials of the republican scientifico-practical conference under the thematic title "Mechanisms of Effectuation of Auditing Accountance Policy under the Conditions of Country's Industrialization: Reality and Prospects" . – Dushanbe: Ashuriyon. 2021. – pp.265 – 272.*
5. *J.C. Van Horn, J.M. Wachowicz. Jr. Fundamentals of financial management, Thirteenth edition. Pearson Education Limited 2009. – 744 p.*
6. *Eugene F.Brigham, Joel F.Houston. Fundamentals of financial management, Concise sixth edition. ExamView Corp. 2009. – 627p.*